# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**номзади илмҳои филологӣ, дотсент Аминов Азим Садыкович ба диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна “Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки рисолаи илмии Набиева Меҳрангез Назаровна дар мавзӯи "Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик” хеле муҳим ва бамаврид буда, дар шароити феълии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди манфиатҳои халқҳову миллатҳо, болоравии худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ аз аҳаммияти амалию назариявӣ холӣ нест.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсияаш дуруст таъкид кардааст, ки: “... мактаби илмии академик Шакурӣ... дар илми филологияи мамлакат яке аз мактабҳои маъруфу сермаҳсул маҳсуб мешавад” (Рисола саҳ. 6) ва ба тақвияти ин нуктаи худ аз мақолаи олими шинохтаи рус Г.Ломидзе истинод кардааст, ки дар он чунин омадааст: “«М.Ш. Шукуров барои адабиёти тоҷик, барои халқи азизи тоҷик, барои маданияти сермиллати советӣ бисёр, ниҳоят бисёр хидмат кард… Завқи комили эстетикӣ, дониши хеле васеъ, борикбинию жарфои хирад Муҳаммадҷон Шарифовичро дар арсаи маданияти советии тоҷик ҷою мақоми **ҳассос** додаанд» (Рисола, саҳ.5).

Набиева Меҳрангез зарур ва муҳим будани баррасии мавзӯи рисолаашро бо истинод ба гуфтаҳои як қатор олимони шинохтаи ватаниву хориҷӣ дар ҳаққи Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ва хизматҳои беназири ӯ дар рушди танқиду адабиётшиносии тоҷик собит намуда, дуруст мегӯяд, ки: “Асарҳои сершумори ин донишманд ва олими барҷаста дорои арзишҳои баланд ва дастовардҳои назаррасанд ва бо равишҳои тозаи таҳқиқ ва *ҷанбаи қавии* худ чун

роҳнамои мутахассисони соҳаи филология қимат доранд. Хидматҳои ӯ дар роҳи таҳқиқи масъалаҳои назарӣ ва амалии адабиёти гузаштаи форсу точик ва мушкилоти адабиёти муосири тоҷик беназир аст” (Рисола, саҳ. 3) ва дар ҷойи дигар таъкид кардааст, ки “ Бо вуҷуди ин ҳама мақола ва тақризу гузоришҳо, оид ба фаъолияти доманадори илмии академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой ҳанӯз асари монографие ба вуҷуд наомадааст” (Рисола, саҳ.6).

Дар асоси чунин арҷгузориҳо, муаллифи рисола худро вазифадор кардааст, ки бо баррасӣ ва таҳлили асарҳои Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой, дар риштаи адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ, фарҳангшиносӣ ва маданияти сухан, тарҷумаи бадеӣ ва публитсистика симои барҷаста ва мукаммали ин олими пуркору дақиқназарро, ки фаъолияташ дар рушди адабиётшиносии ватанӣ ва хориҷӣ назаррас мебошад, рӯнамо созад.

Дар баробари ин, муаллифи рисола ду ҳадафи дигарро низ дар назар дорад. Ҳадафи аввал аз муайян кардани мақом ва ҷойи Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой дар раванди адабиётшиносии тоҷик ва дигар - муайян намудани саҳми ӯ дар таърихи алоқаҳои адабӣ бо адабиётҳои гуногуни собиқ шӯравӣ, ифшои майлонҳои нав дар адабиёти тоҷик, баъд аз пош хӯрдани низоми давлатдории шӯравӣ, кушодани қонуниятҳои идомаи анъанаҳои адабиёти классикӣ ва навоварӣ дар адабиёти муосири тоҷик мебошад, ки, дар маҷмӯъ, асоснок ва мантиқан дуруст арзёбӣ шудааст.

Сохтори рисолаи мавриди назар, ки аз Муқаддима, се боб ва Хулоса иборат мебошад, мантиқан дуруст аст.

Дар Муқаддима, чунон ки қабул шудааст, аҳаммияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои муайян, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назариявӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хронология ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ муаррифӣ шудааст. Бояд гуфт, ки масъалагузориҳои

муаллифи рисола хеле доманадор буда, баррасиву ҳалли онҳо барои муҳаққиқи ҷавон, баъзан душвориҳо оварда, кушодани як қатор масъалаҳои муҳимро имкон надодааст. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллифи рисола фаъолияти адабиётшиносии Муҳаммадҷони Шакурии Бухороиро дар муқоисаи ду давра, яъне давраи низоми сиёсии давлати шӯравӣ ва баъд аз пош хӯрдану ба истиқлолияти давлатӣ расидани Тоҷикистон амиқтар ба риштаи таҳлилу таҳқиқ мекашид. Чунин иқдом ӯро имкон медод, ки дар баробари баррасии хидматҳои беназири Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар илми адабиётшиносии тоҷик инчунин роҷеъ ба форматҳо ва вижагиҳои нави адабиётшиносӣ нигоҳи хосси худро иброз намояд. Бо назари танқидӣ ба таҳқиқу таҳлил кашидани фикру мулоҳизаҳои олимони ватаниву хориҷӣ доир ба эҷодиёти Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ низ хеле омӯзандаю бориз мебуд.

Бояд гуфт, ки нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф қобили таваҷҷуҳ ҳастанд ва моҳияту равиши таҳқиқро равшан намудаанд. Ӯ менависад, ки:

•Осори илмии академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ, чун фарогири муҳимтарин масъалаҳои адабиётшиносии тоҷик дар садаи XX ва ибтидои садаи XXI, дар рушду нумуи филологияи тоҷик ҳиссаи муносиб мегузорад.

•Муҳаққиқ ба масъалаҳои муҳимми адабиёти классикии тоҷик аҳаммияти аввалиндараҷа зоҳир намуда, дар пешрафту таҳаввули адабиёти давраи навин ҳамчун заминаи боэътимод хизмат намудани адабиёти куҳанро махсус таъйид менамояд.

•Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ бо фаъолияти пурсамари худ роҳу усулҳои нави таҳлилу таҳқиқи адабиётшиносиро ба мутахассисон пешниҳод намуда, зарурати таҷдиди назар ба адабиёти даврони шӯравиро ба миён гузошт.

•Адабиётшинос масъалаҳои сабку услубро дар насри давраи нави тоҷик баррасӣ намуда, дар мисоли эҷодиёти С.Айнӣ, Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода, П.Толис, Ф.Муҳаммадиев гуногунии сабки фардии нависандаро асоснок намуд ва ғайра.

Боби аввали диссертатсия **“Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой - парвардаи адабиёти тоҷик”** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат мебошад. Боби мазкур ба равшан намудани зиндагинома, ифшои муҳити оилавию фазои ҷомеаи овони бачагӣ, ҷавонӣ, камолот, доираи мутолиаи олими оянда, ки дар дили ӯ муҳаббати бепоёнро ба адабиёт, сухани бадеӣ, илми адабиётшиносӣ ҷойгузин кардааст ва дар ташаккулёбии ӯ чун шахсияти беназир дар адабиётшиносии тоҷик, фарҳангшиносӣ, маданияти сухан, тарҷумонӣ заминаҳои мустаҳкамро гузоштаанд, бахшида шудааст. Гуфтан лозим аст, ки муаллиф дар ҷараёни кор сари мавзӯи ин боби рисолааш, маводи зиёдро ба риштаи таҳқиқ кашида, ба хулосаҳои ҷолиби диққат расидааст ва тасаввуроту дониши моро дар бораи зинаҳову давраҳои гуногуни ҳаёти Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой ба дараҷае густурдатар кардааст. Дар баробари ин, лозим мешуморем, ба тариқи маслиҳат як нуктаро таъкид кунем. Ба ақидаи мо, вазифаву ҳадафҳое, ки муаллифи рисола дар ин боб дар назди худ гузоштааст, талаб доранд, ки ин боб ба тарзи дигар, яъне **“Таърихчаи ҳаёт ва ташаккулёбии шахсияти илмиву адабии Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой”** номгузорӣ мешуд“. Агар муаллиф ин пешниходи моро қабул кунад, он вақт тартиби баррасии мавзӯъҳову масъалаҳои зербобҳо дар ин боб мантиқан дуруст ва бо ҳам дар робитаи мутақобила хоҳанд шуд.

Боби дуюми рисолаи Набиева Меҳрангез Назаровна - **“Андешаҳои Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой дар бораи адабиёти тоҷик”**- аз чор фасл иборат буда, муаллиф дар бораи адабиёти классикӣ, назму насри муосири тоҷик, масъалаи анъанаву навоварӣ дар шеъру насри тоҷик аз равзанаи диду ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои

Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ маълумоти муфассал дода, ба хулосабардориҳои ҷолиб омадааст.

Боби сеюми рисолаи мавриди назар **“Устод Садриддин Айнӣ дар пажӯҳиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ”** номида шудааст, ки дар он ақидаву усулҳои таҳқиқи ин олими барҷаста дар заминаи эҷодиёти С.Айнӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд ва муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар таҳқиқоти пурмуҳтавои хеш хусусиятҳои хосси фаъолияти адабиётшиносии Муҳаммадҷони Шакурии Бухороиро ифшо ва тозакориҳояшро объективона инъикос намояд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф манзур гардидаанд.

Дар асоси гуфтатҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи Меҳрангез Набиева барои илми адабиётшиносии ватанӣ бисёр паҳлуҳои баҳснокро равшан мекунад. Ин кори илмӣ донишу тасаввуроти моро доир ба фаъолияти доманадори илмии Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар адабиётшиносии тоҷик, соҳаҳои фарҳангшиносӣ, маданияти сухан, тарҷумаи адабӣ ва публитсистика то дараҷае густурдатар намуда, имкон медиҳад, ки равандҳои инкишоф ва рушди адабиётшиносии тоҷикро дар нимаи дуюми асри XX аввали асри XXI омӯзем ва натиҷагирӣ намоем. Дар рисола нақш ва ҷойгоҳи Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар шакл гирифтани афкори нав дар адабиётшиносии тоҷик ва зарурати тақвияти пойгоҳҳои бузурги диду андешаҳои ин абармарди илму маърифати тоҷик, муҳофизи арзишҳои миллӣ, забони тоҷикӣ хеле хуб ва назаррас арзёбӣ шудаст.

Муаллиф дуруст менигорад, ки “Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ тамоми умрашро бо ихлосмандӣ ва дилбастагии комил сарфи омӯзиш, таҳқиқу баррасии адабиёти классикӣ ва адабиёти давраи нави тоҷик намуда, аз худ мероси бою арзишманди фарҳангӣ боқӣ

гузоштааст. Омӯзиши аҳвол ва осори илмии ин донишманд, назарияҳои илмиву адабӣ, моҳият, усул, сабки таҳқиқ ва саҳми ӯ дар омӯзиши масоили таърихи адабиёт хеле муҳим буда, барои инкишофи илми адабиётшиносии муосир судманд мебошанд”.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки мо онҳоро болотар гуфта гузаштем. Иловатан қайд кардани боз як ду эроду пешниҳодҳои худро ҷоиз медонем, ки ба назар гирифтани онҳо шояд барои сифатан беҳтар шудани рисола аз аҳаммият холӣ нахоҳанд буд:

•Дар боби дуюми рисола фаслҳои сеюму чорумро муттаҳид намудан ба мақсад мувофиқ менамояд. Яъне, боби дуюмро аз се фасл сохта, фасли сеюмро, масалан **“Назму насри муосири тоҷик дар пажӯҳиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой”** номгузорӣ кардан мумкин аст.

•Дар баъзе саҳифаҳои рисола ҷумлаҳои услубан хароб ва таҳрирталаб ба назар мерасанд. Барои мисол дар саҳифаҳои 9 ва 10 оид ба Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диссертант менависад: “Муҳаққиқ дар асоси дастовардҳои назарияпардозони рус ва Аврупо насри андеша ва заминаҳои пайдоиш ва инкишофи онро дар адабиёти тоҷик ба таҳқиқ гирифта, самаранокии роҳи нави тасвири бадеиро асоснок намуд”;

•“Муҳаққиқ адабиёти маорифпарварии тоҷикро чун марҳалаи нави адабиёт арзёбӣ карда, дар ҳамин замина адабиёти давраи навро ба марҳалаҳо ҷудо намуд. Ин аст, ки осори адабиётшиносии ӯ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аҳаммияти боз ҳам бештар касб намуд”.

•Баррасии мавзӯи фаъолияти тарҷумонии Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой ба таҳқиқи алоҳида ва комили илмӣ ниёз дорад.

•Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ роҳ ёфта, ғалатҳои имлоӣ ҳам мавҷуд аст.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, мазмуну мундариҷа ва аҳаммияти илмии диссертатсияи Меҳрангез Назаровнаро коста намекунад.

Диссертант аз уҳдаи ҳалли бештари масъалаҳои дар диссертатсия зикршуда ба пуррагӣ баромадааст.

Автореферати диссертатсия аз нигоҳи сохтор, мундариҷа, муҳтаво ва мазмун таҳия шуда, моҳияти асосии кори диссертатсиониро фаро мегирад.

Дар асоси таҳлилҳо метавон ба ин хулоса расид, ки диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна дар мавзӯи **"Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик"** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти аҳаммияти мавзӯъ ва таҳқиқи амиқи он кори диссертатсиониро анҷомёфта ҳисобида, муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор медонам.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**

**номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи Адабиёти ҷаҳони муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон** **Аминов Азим Садыкович**

***Маълумот барои иртибот:***
Аминов Азим Садыкович,
Номзади илмҳои филологӣ
(ФА № 004740 аз 13.01.1982 Москва)
**Ҷойи кор:** Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон
**Вазифа:** Дотсенти кафедраи Адабиёти ҷаҳон
**Нишонии ташкилот:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
**Нишонии саҳифаи махсус**: **www.rtsu.tj**
**Телефон:** 919 72 15 50
**E-mail:** azim,aminov@mail.ru

**“Имзои н.и.филол., дотсент**
**Аминов Азим Садыковичро тасдиқ мекунам”**
Сардори шуъбаи кадрҳои
Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти
олии Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон Давлатов Х.

ОТДЕЛ КАДРОВ

04.03.2021